# АРЗЁБИИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН:
# ШАРҲИ МЕТОДОЛОГӢ

# ОЦЕНКА БЕДНОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ:
# МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ ЗАПИСКА

# POVӮҚTY MӮASҒҚӮMӮNT IN TAJIKISTAN:
# A MӮTHODOLOGICAL NOTӮ

## АРЗЁБИИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН:

# ШАРҲИ МЕТОДОЛОГӢ

## Аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии техникии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Умумиҷаҳонӣ омода шудааст

Маблағгузории таҳияи ҳуҷҷати  мазкур аз ҷониби Фонди Бовариноки Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Вазорати Рушди Байналмилалии Британиёи Кабир (DFID) амалӣ карда шудааст

**Июни 2015**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| ТАСЗ | Тадқиқоти арзёбии сатҳи зиндагӣ |
| ТБХ | Тадқиқоти буҷети хонавода |
| ТоҷСтат | Агентии омор |
| БҶ | Бонки ҷаҳонӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |

# Мундариҷа

**1САРСУХАН ........ 6**

**2МАЪЛУМОТИ УМУМӢ: ҲАДАФ ВА ЧОРАБИНИҲО ........ 6**

2.1 Қарорҳои кутоҳмуддат ва миёнамуҳлат ........ 7

2.2 Таърихи Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) дар Тоҷикистон ........ 8

2.3 Мундариҷаи ТБХ дар Тоҷикистон ........ 9

2.4 Муқоиса бо методологияҳои қаблӣ ........ 10

**3СОХТАНИ НИШОНДИҲАНДАИ МАҶМӮАВИИ НЕКӮАҲВОЛӢ ........ 13**

3.1 Сохтори маҷмӣи истеъмол ........ 13

3.2 Истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ ........ 14

3.3 Нишондиҳандаи маҷмӣавии истеъмоли номиналӣ ........ 15

3.4 Индекси замонии нархҳои истеъмолӣ ........ 19

3.5 Индекси маконии нархҳои истеъмолӣ ........ 19

3.6 Нишондиҳандаҳои воқеии маҷмӣи истеъмол ........ 22

3.7 Нобаробарӣ ........ 23

**4ҲУДУДҲОИ КАМБИЗОАТИИ БАРОИ АРЗЁБИИ КАМБИЗОАТӢ ИСТИФОДАШУДА ........ 23**

4.1 Ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ(ZF) ........ 24

4.2 Бахши ғайриозуқа ва ҳудуди умумии камбизоатӣ ........ 26

4.3 Аз нав дида баромадани хати камбизоатӣ ........ 26

**5НАТИҶАҲОИ КАМБИЗОАТИИ АСОСӢ ........ 27**

**6НАҚШАИ ТАКМИЛДИҲИИ ТАДҚИҚОТИ БУҶЕТИ ХОНАВОДА (ТБХ) ........ 28**

6.1 Кумитаи камбизоатӣ ........ 28

6.2 Нақшаи чорабиниҳо ........ 29

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ........ 31**

**Замимаи А. Рӣйхати молҳои муддати истифодаашон дароз, ки ба маҷмӣи истеъмол дохил ё хориҷ карда шудаанд ........ 32**

**Замимаи Б. Рӣйхати молҳои ба индекси Пааше дохил кардашуда ........ 33**

**Замимаи В. Маҳсулоти хӯрока ва калориянокӣ дар Тоҷикистон ........ 34**

# 1 САРСУХАН

Соли 2005, вақте ки Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2006-2015 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, таҳияи методологияи миллии арзёбии камбизоатӣ ҳамчун вазифаи афзалиятнок муайян гардид.  Дар давраи аз соли 1999 то 2009 кишвар ба Тадқиқоти арзёбии сатҳи зиндагӣ (ТАСЗ), ки асосан бо маблағгузории Бонки ҷаҳонӣ (БҶ) омода гардида буданд, такя мекард.

Бо вуҷуди ин, баъди соли 2009  ягон ТАСЗ дар Тоҷикистон гузаронида нашудааст  ва дар давоми панҷ соли охир кишвар ҳисобот оид ба арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар асоси микро-маълумоти воқеӣ пешниҳод накардааст. Аз соли 2009 инҷониб, кишвар ба арзёбиҳои чандирии камбизоатӣ – афзоиши иқтисодӣ бо мақсади пешбинии сатҳи камбизоатӣ такя мекунад. Камбудиҳои чунин равиш зиёданд, аз он ҷумла, дар равиши мазкур афзоиши нейтралии тақсимот  пешбинӣ шудааст, ки он алоқаи доимии байни афзоиши иқтисодӣ ва бо мурури замон коҳишёбии сатҳи камбизоатиро дар назар дорад. Бухронҳои чанде пеш рӯйдода (яъне бухрони озуқавории соли 2006; Бухрони ҷаҳонии молиявӣ; Бухрони Евроминтақа; бухрони озуқаворие соли 2009) нишон доданд, ки ин тавр нест, зеро дар теъдоди зиёди кишварҳо, ки бо ҳамдигар алоқамандӣ надоштанд, пӯёи (динамика) рушди иқтисодӣ ва камбизоатӣ мушоҳида гардид.

Дар ҳуҷҷати мазкур, сатҳи камбизоатӣ бори аввал бо истифода аз Тадқиқоти миллии "Буҷети хонаводаҳо"-и Агентии омор  (ТоҷСтат) ва методологияи дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи арзёбии камбизоатӣ, ки дар ин ҷо муфассал шарҳ дода шудааст, мавриди арзёбӣ қарор дода шуд.

Қисмати боқимондаи ҳуҷҷати мазкур ба таври зайл тартиб дода шудааст. Дар он ҳисоби нишондиҳандаи маҷмӯии некӯаҳволӣ бо мақсади шарҳи он ки чӣ тавр параметрҳои истеъмоли маҳсулоти хӯрока ва ғайриозуқа дар як нишондиҳандаи маҷмӯӣ ифода шудаанд, мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Баъдан, муҳокима ба усулҳои алтернативии ҳисоби хати камбизоатии гузашта ба таври муфассал усули муайян намудани Арзиши ниёзҳои асосӣ (АНА), ки барои "Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо"-и Тоҷстат истифода бурда шудааст, шарҳ дода мешавад. Дар охири ҳуҷҷат арзёбии камбизоатӣ ва натиҷаҳои нобаробарӣ пешниҳод мегардад.

# 2 МАЪЛУМОТИ УМУМӢ: ҲАДАФ ВА ЧОРАБИНИҲО

Дар ҳоле ки равиши дар қисмҳои оянда истифодашуда ҳали фаврии масъалаи саривақтӣ ва эътимоднокии низоми мониторинги камбизоатӣ дар Тоҷикистонро таъмин менамояд, он инчунин ҷузъи стратегияи миёнамуҳлате, ки ҷиҳати баланд бардоштани зарфияти монинигоринги сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон татбиқ шуда истодааст, мебошад. Стратегияи мазкур дар давоми якчанд марҳила амалӣ хоҳад шуд ва ба такмилдиҳии ботадриҷи сифати ТБХ ва маълумоти омории камбизоатӣ ва вазъи иҷтимоӣ дар доираи он омодашуда, равона мегардад. Дар давоми татбиқи марҳилаҳои мазкур медодологияи камбизоатӣ ва сатҳи минбаъдаи камбизоатӣ бояд бо мақсади ба

инобат гирифтани он тағйирот, каме тасҳеҳ карда шавад. Дар натиҷа, муқаррар намудан ва таҳкими механизми таъмини ҳамоҳангсозӣ ва мусоидат оид ба қабули қарори ягона нисбати рақамҳои аз нав дида баромада, ҳанӯз ҳам муҳим боқӣ мемонад. Кумитаҳои камбизоатӣ (дар Тоҷикистон маъруф ҳамчун Шӯрои арзёбии камбизоатӣ ва синфи миёна), ки дар чунин кишварҳо ба монанди Мексика, Колумбия, Перу ва ғайра. таъсис дода шудаанд, яке аз тарҳҳои имконпазирии институтсионалӣ дар оянда шуда метавонад (Азеведо, с.2013).

## 2.1 Қарорҳои кутоҳмуддат ва миёнамуҳлат

ТоҷСтат, Вазорати рушди иқтисод ва савдо (ВРИС) ва БҶ дар робита бо арзёбии камбизоатӣ дар Тоҷикистон равиши дутарафаро дар доираи Шӣрои камбизоатӣ пайгирӣ мекунанд:

I. қарори кутоҳмуддат мебошанд, ки тавассути он барои ба даст овардани нишондиҳандаҳои арзёбии камбизоатӣ дар асоси ТБХ-и мавҷуда кӯшиш ба харҷ дода мешавад;

II. қарори миёнамуҳлат мебошад, ки таҷдиди низоми воридкунии маълумот ба ТБХ, аз нав дида баромадани намуна, омода намудани дастури истифодабарӣ ва таҷдиди саволномаҳо бо модулҳои нав, омӯзиши саволдиҳандагон ва супервайзерҳо ва арзёбии камбизоатӣ бо истифода аз ТБХ-и таҷдидшударо дар бар мегирад.

Бо ташаббуси ТоҷСтат ва тибқи тавсияҳои коршиносон ва мушовирони Бонки ҷаҳонӣ, дар доираи Лоиҳаи “Такмилдиҳии тадқиқоти буҷети хонавода” таҳияи методологияи омода намудани Тадқиқоти фарогири сатҳи зиндагӣ ва қувваи кориро дастгирӣ мекунад. Ворид намудани тағйирот ба саволномаҳо, ба методологияи намунагирӣ, ташкили кори саҳроӣ, такмилдиҳии идоракунии маълумот ва пешниҳоди натиҷаҳои пешбинӣ мегардад.

Тағйироти ба методологияи ТБХ пешниҳодшуда бояд барои бунёди хазинаҳои бештар такмилдодашудаи маълумот истифода шавад ва саривақт ба даст овардани натиҷаҳоро таъмин намояд, ки худ ба беҳтаршавии маълумоти оморӣ дар Тоҷикистон оварда мерасонад. Татбиқи нақшаи такмилдиҳии ТБХ, чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:

I. **Низоми воридкунии маълумот**. Таҷдиди низоми нави воридкунии маълумот барои ТБХ аллакай оғоз гардид. Бета-версия, ки дар барномаи CSPҚо асос ёфтааст, моҳи июли соли 2014 таҳия гардид ва айни замон аз ҷониби кормандони Агентии омор аз озмоиш мегузарад.

II. **Таҷдиди воситаҳои намунагирӣ**. Дар давоми миссияи Бонки ҷаҳонӣ, ки моҳи декабри соли 2013 ба кишвар ташриф овард қарор дода шуд, ки Агентии омор таҷдиди воситаҳои намунагириро бо истифода аз барӣйхатгирии аҳолии соли 2010 таҳти роҳбарии худ мегирад. Бонки ҷаҳонӣбарои таъмин намудани коршиносони байналмилалиро ҷиҳати аз нав дида баромадани кори пешниҳодшуда розигии худро дод.

III. **Саволномаи аз нав дида баромадашуда**. Саволномаи таҷдидшуда дар ш. Душанбе моҳи июни соли 2013 пешниҳод гардида мавриди озмоиш қарор дода шуд. Воситаи санҷиши дорои ҳаҷми бузургтар барои 500 хонавода дар давоми моҳи июн ва августи соли 2013 низ дар ҷойҳо истифода шуд. Айни замон таҳлили он натиҷаҳо гузаронида шуда истодааст.

IV. **Паҳнкунии маълумот ва ҳисоботдиҳӣ**. Моҳи декабри соли 2013 миссияи Бонки Умумиҷаҳонӣ дар ш. Душанбе омӯзишро барои кормандони Агентии омор оид ба стандартҳои байналмилалӣ ва воситаҳо барои бо ҳуҷҷат асосноккунии микро-маълумот, архивкунӣ ва паҳнкунии маълумот ташкил намуд. Бонки ҷаҳонӣ дастгирии пешбурди раванди мазкурро идома медиҳад.

***Натиҷаҳои чашмдошти тадқиқоти фарогири буҷети хонаводаҳо ва қувваи корӣ:***

Маълумот оид ба ТБХмунтазам (ҳар семоҳа) ба даст оварда мешавад ва нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

I. Сатҳи камбизоатӣ (даромад ва хароҷоти аҳолӣ);
II. Стандарти саломатии аҳолӣ; арзёбии хизматрасонии тиббӣ ва хароҷоти аҳолӣ;
III. Давомот дар муассисаҳои таълимӣ ва хароҷот барои гирифтани маълумот;
IV. Шуғли аҳолӣ ва сатҳи бекорӣ;
V. Муҳоҷират (муҳоҷирати дохилӣ, беруна ва интиқоли маблағҳои пулӣ).
VI. Моделҳои истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ

***Саволномаҳои нав барои тадқиқоти маҷмӯавӣ:***

I. Картаи назоратии хонавода (феҳрист);
II. Дафтари қайди хароҷоти озуқаvotpии хонавода;
III. Дафтари қайди хароҷоти ғайриозуқаи хонавода;
IV. Тадқиқоти қувваи корӣ;
V. Шароитҳои манзил/моддию маишӣ  (аз он ҷумла молҳои истифодааш дарозмуддат);
VI. Тандурустӣ;
VII. Маориф;
VIII. Қитъаи замин ва техника;
IX. Трансфертҳо.

## 2.2 Таърихи Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) дар Тоҷикистон

Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) аз даврони Шӯравӣ, аз соли 1952 инҷониб аз тарафи Агентии омор (дар гузашта Кумитаи давлатии омор) дар Тоҷикистон гузаронида мешавад. То соли 1992, теъдоди намунавӣ 1250 адад хонаводаро ташкил медод. Баъди ба даст овардани истиқлолият аз соли 1992 инҷониб бино ба вазъи мушкили сиёсӣ, иқтисодӣ ва молиявии кишвар, теъдоди намунавии ТБХ ба 50% ихтисор шуда ба 600 адад хонавода расонида шуд.

Аз соли 2000 инҷониб бо беҳтар шудани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, аз он ҷумла болоравии талаботи истифодабарандагон ба маълумоти ТБХ, шумораи хонаводаҳои бо пурсиш

фарогирифташуда то 925 адад афзоиш ёфт. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №497 аз 1 октябри соли 2008, теъдоди хонаводаҳои бо пурсиш фарогирифташуда дар ТБХ ба 3000 адад афзоиш ёфт, аз он 1150 хонавода дар шаҳр ва 1850 хонавода дар минтақаҳои деҳот ҷойгир шудаанд.

Аз моҳи январи соли 2009, Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) ҳар се моҳ аз ҷониби Агентии омори Тоҷикистон (ТоҷСтат) ҳар сол бо фарогирии 3,000 гузаронида мешавад. Намуна ҷиҳати инъикос намудани маълумот дар сатҳи миллӣ, шаҳр/деҳот ва минтақавӣ дар ҳар се моҳ таҳия шудааст. Воҳиди тадқиқот хонавода мебошад, ки ҳамчун гурух/як қатор шахсоне, ки ҳамроҳ зиндагӣ мекунанд ва буҷет ва ҷои истиқомати[1] умумӣ доранд, муайян мегардад.

Тадқиқоти буҷети хонавода мунтазам гузаронида мешавад ва иштирок дар он ихтиёрӣ мебошад. Маълумоте, ки дар натиҷаи гузаронидани ТБХ ба даст меояд яке аз бахшҳои омори иҷтимоию иқтисодӣ, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ ва аслан вазъи моддии онҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои тадқиқот дар робита бо вазъият ва сохтори даромад ва хароҷот, истеъмол ва пасандозҳои гуруҳҳои мухталифи аҳолӣ баҳои воқеӣ медиҳад, вобаста ба ҷинс ва синну соли аъзоёни оила имконияти муайян намудани фарқиятро фароҳам меоварад. Ин имкон медиҳад, ки таҳлили нишондиҳандаҳои муҳим аз рӯи хусусиятҳо, аз ҷумла аз рӯи ҷинс, синну сол ва ҳайати оила гузаронида шавад.

## 2.3 Мундариҷаи ТБХ дар Тоҷикистон

Ба ҳолати соли 2009, ТБХ 5 минтақаи Тоҷикистонро фаро мегирад. Тақсимоти намунаҳо дар минтақаҳо чунин аст[2]:

I. Душанбе – 400хонавода
II. Суғд – 860хонавода
III. Хатлон – 900хонавода
IV. ВМКБ – 240хонавода
V. НТМ –600хонавода

Ба воситаҳои ТБХ се намуди саволномаҳо барои хонаводаҳо дохил мешаванд:

I. Дафтари қайди даромад ва хароҷоти хонавода бо дафтари моҳона, ки ба он формаи Саволномаи 1, 8 дохил мешавад;
II. Саволномаи семоҳаи хонавода оид ба таъминот ва истифодаи маҳсулоти кишоварзӣ, Хӣроки чорво ва сӣзишворӣ, ки ба он формаи 2, 3 саволнома дохил мешавад;
III. Саволномаи солонаи хонавода, ки ба он формаи 4, 5, 6, 7 саволнома дохил мешавад.

Дар рафти тадқиқот маълумоти зерин ҷамъ оварда мешавад:

I. таркиби хонавода ва хусусиятҳои демографӣ;
II. фаъолияти иқтисодӣ дар бахшҳои кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ;

[1]хона, квартира, ҳуҷра, як ќатор ҳуҷраҳое, ки баромади алоҳида ба кӯча доранд ё ҳуҷраҳои умумї
[2]Тақсимоти намунаҳо то соли 2012 бетағийр боқӣ мемонад.

III. манзил ва инфрасохтор;
IV. хароҷот ва истеъмоли маҳсулоти хӯрока ва ғайриозуқа;
V. даромад;
VI. захираҳои хонавода ва истифодаи маҳсулоти кишоварзӣ, хӯроки чорво ва сӯзишворӣ, чорво ва истифодаи замин.

Илова ба шарҳ додани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоии аҳолӣ, маълумоти Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо дар арзёбиҳои гуногуни иқтисодию оморӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дода мешаванд, масалан:

I. Ҳангоми ҳисоби ММД ва таркиби он;
II. Ҳангоми ҳисоби даромади воқеии аҳолӣ;
III. Ҳангоми омода намудани тавозуни истеҳсол ва истифодаи маҳсулоти кишоварзӣ;
IV. Ҳангоми ҳисоби нишондиҳандаи сатҳи зиндагӣ/индексҳои арзиши зиндагӣ (ИНИ молу маҳсулот ва хизматрасонӣ);
V. Дар Низоми Ҳисобҳои Миллӣ, ки дар он нишондиҳандаҳои бахши хонаводаҳо муҳим мебошанд ва ғ.

## 2.4 Муқоиса бо методологияҳои қаблӣ

Методологияи арзёбии камбизоатӣ, ки дар ин ҷо истифода шудааст ба корҳои нахустини муҳаққиқон Сулла ва Ҷованнӣ (с.2013), ки дар онҳо Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) дар асоси методология арзёбии камбизоатӣ бо истифода аз маълумоти семоҳаи дуввум ва сеюми соли 2012 пешниҳод мегардад, асос меёбад. Аз сабаби маҳдудияти дастрасӣ ба маълумотдар арзёбии ҳам андозаи ҳадди ақали рӯзгузаронӣ ва сатҳи камбизоатӣ метавонад хатогӣ роҳ дод шавад, бахусус дар шароити кишварҳое ба монанди Тоҷикистон, ки аз мавсим вобастагии зиёд дорад. Барои муқоиса, дар натиҷаҳои тавзеҳоти мазкур маълумоти чаҳор семоҳа ҷиҳати арзёбии андозаи ҳадди ақали рӣзгузаронӣ, аз он ҷумла сатҳи камбизоатӣистифода шудааст: семоҳаи 3-юми соли 2012, семоҳаи 4-уми соли 2012, семоҳаи 1-уми соли 2013 ва семоҳаи 2-юми соли 2013.

### 2.4.1 Бартарияти методологияи пешниҳодшуда ва маҳдудиятҳои ТБХ-и ҳозира

Методологияи пешниҳодшуда дар муқоиса бо усулҳои қаблан қабулшудаи мониторинги камбизоатӣ бар ТАСЗ асосёфта дорои бартариятҳои зиёд мебошад, бахусус:

I. он ба тадқиқоте, ки аз ҷониби кишвар эътироф шудааст ва аз моҳи январи соли 2009 мунтазам гузаронида мешавад,такя мекунад;
II. 3000 адад хонаводаи ТБХ дар муқоиса бо 1500 адад хонаводаи соли 2009 тавассути ТСЗТ фарогирифташуда барои баҳодиҳии дигаргуниҳо дар сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон бояд имконияти бештарро фароҳам оварад;
III. ТБХ тадқиқоти доимӣ мебошад, яъне пурсиш дар ҳамон хонаводаҳои қаблӣ ҳар се моҳ гузаронида мешавад. Чунин тартиб аксари вақт боиси такмилёбии нишондиҳандаҳои

истеъмоли ҳар семоҳа мегардад, зеро он ба хатогиҳои хотиравӣ роҳ намедиҳад (кам ё зиёд нишод додани истеъмоли маҳсулоти алоҳида).

Дарки баъзе аз маҳдудиятҳо низ муҳим аст, бахусус[3]:

I. методикаи мазкур бо нишондиҳандаҳои камбизоатӣ, осебпазирӣ ва синфи миёна, ки дар гузашта пешниҳод шудаанд, қисман муқоисашаванда буда тафовути сохтории силсилаи маълумоти пешниҳодшударо дар бар мегирад;
II. низоми воридкунии маълумот дар ТБХ нисбатан кухнашуда ба ҳисоб меравад;
III. бо вуҷуди дастрас будани маълумоти нисбатан нави барӣйхатгирии аҳолӣ аз соли 2010, намунаи ТБХ ҳанӯз ба нишондиҳандаҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000 такя мекунад;
IV. саволнома ҳамаи талаботи охирини кишварро оид ба сиёсат инъикос намекунад ва модули истеъмол метавонад такмил дода шавад;
V. протоколҳои кори саҳрой ва назорат метавонанд такмил дода шаванд;
VI. таҷрибаи дастрасӣ ба маълумот ва паҳнкунии он метавонад такмил дода шавад.

### 2.4.2 Маълумот

Таҳлили маълумоти тадқиқоти буҷети хонаводаҳо ба таҳия намудани методологияи гузаронидани давраи аввали арзёбии камбизоатӣ дар асоси ТБХ дар Тоҷикистон равона шудааст, ки дар доираи он кӯшишҳои зиёд барои санҷидани сифати маълумот ба харҷ дода шудаанд. Бар хилофи маълумоти ТБХ солҳои гузашта, бояд қайд намуд, ки маълумоти ТБХ солҳои 2012-2013 барои арзёбии камбизоатӣ дар Тоҷикистон алтернативаи хубро пешкаш менамояд. Бо вуҷуди ин, дар ҳоле ки маълумоти дар саволномаи ТБХ овардашуда имконияти тартибдиҳии нишондиҳандаи боэътимоди некӯаҳволӣ фароҳам меоварад, ҳудудҳои такмилдиҳӣ ҳанӯз ҳам хеле васеъ мебошанд. Пуррагии нишондиҳандаи истеъмоли маҷмӯавӣ бо мавҷуд набудани компонентҳои муҳим ба монанди манзил, маҳсулоти истифодааш дарозмуддат, дигар хароҷоти ғайриозуқа, аз он ҷумла такмилдиҳии усули муайянкунии хонавода, хеле маҳдуд мебошад. барои муайян намудани хонавода такмилдиҳӣ низ зарур аст (Сулла ва Векки, 2013). Илова бар ин, тавассути таҷдиди воситаҳои тартибдиҳии намуна барои барӯйхатгирии аҳолии соли 2010 ва тағйирдиҳии схемаи ҳозираи муҳокима ба муҳокимаи ротатсионӣ, аз он ҷумла такмилдиҳии суратҷаласаҳои кори саҳрой ва назорат, тадқиқоти ТБХ метавонад ба таври назаррас такмил дода шавад (Сулла ва Мунос, 2011).

### 2.4.3 Нишондиҳандаҳои маҷмӯавии некӯаҳволӣ ва ҳудудҳои камбизоатӣ

Нишондиҳандаи маҷмӯавии некӯаҳволӣ барои тадқиқоти ТБХ ҳамчун маҷмӯи хароҷоти ғизо (харид, истеҳсол, туҳфаҳо ё арзишҳои моддӣ) ва маводи ғайриозуқа (бо баровардани молу ашёи туҳфа карда ва ҷамъ кардани молу ашёи ҳамчун туҳфа қабул карда), муайян карда мешавад. Аз

---

[3]Бояд қайд намуд, ки нақшаи такмилдиҳии ТБХ, ки аз ҷониби ТоҷСтат бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ амалӣ мегардад, ба ҳали масъалаи банди (б) дар (VI) рӯйхати мазкур равона шудааст.

сабаби набудани маълумоти муносиб, хароҷоти манзил ва маҳсулоти алоҳидаи муҳлаташон дарозмуддат ба нишондиҳандаи маҷмӯавии некӯаҳволӣ дохил карда нашудаанд. Маҷмӯи истеъмол минбаъд бо дарназардошти Индекси замонии нархҳои истеъмолӣ ҷиҳатиислоҳи тафовути сатҳи нархҳо дар семоҳаҳои мухталиф тасҳеҳ мешавад. Маҷмӯи истеъмол ҷиҳати ислоҳи фарқияти сатҳи нархҳо дар ноҳияҳои мухталифи географӣ ва ҳаҷми хонавода бо дарназардошти индекси маконии нархҳои истеъмолӣ, низ тасҳеҳ мешавад. Барои ИНИ-и замонӣ мо аз нишондиҳандаҳои умумии ИНИ семоҳаи сатҳи миллӣ истифода мебарем. Барои ИНИ-и маконӣ мо индекси нархҳои умумии Пааше-ро бо истифода аз рақамҳои ҷудогонаи хароҷот барои ғизо ва маводҳои ғайриозуқаи тадқиқоти ТБХ ҳисоб мекунем.

Ҳудуди камбизоатии мутлақ барои ТБХ бо истифодаи усули арзиши ниёзҳои асосӣ (АНА) муайян карда мешавад (Раваллион, 1994). Мутобиқи усули АНА, ҳудуди камбизоатии мутлақ аз суммаи ду бахш иборат аст: ҳудуди камбизоатии ғизоӣ ва кӯмакпулӣ барои хароҷоти ғайриозуқа. Барои ҳисоби ҳудуди камбизоатии ғизоӣ мо талаботи килокалорияи миёнаро (ТКМ) 2,250 килокалорияи шабонарӯзӣ барои ҳар нафарро муқаррар мекунем ва арзиши ҳадди ақали як килокалорияро тавассути интихоби  се даҳяки поёнии хароҷоти сатҳи миллӣаз 3 то 26 ба сари аҳолиро ҳамчун "гуруҳи намунавӣ", ҳисоб мекунем.

Барои ҳисоби ҳудуди умумии камбизоатӣ мо хонаводаҳоеро муайян мекунем, ки хароҷоти воқеии онҳо барои ғизо тахминан баробар бо ҳудуди камбизоатии ғизоӣ мебошанд (тақрибан 5% андозаи он) ва ҳиссаи миёнаи истеъмоли ғизоро ҳисоб мекунем. Ҳудуди умумии камбизоатӣ баробар бо ҳудуди камбизоатии ғизоӣ бо ҳиссаи миёнаи истеъмоли ғизо тақсимшуда мебошад (диаграммаи 1).

**Диаграммаи1. Усули муайян намудани арзиши ниёзҳои асосӣ**




## 3 СОХТАНИ НИШОНДИҲАНДАИ МАҶМӮАВИИ НЕКӮАҲВОЛӢ

### 3.1 Сохтори маҷмӯи истеъмол

Нишондиҳандаи некӣаҳволии молии дар истеъмоли хонавода асосёфтаро метавон аз рӣи формулаи зерин муайян кард:

Барои ҳар як фарднишондиҳандаи некӯаҳволӣ ҳамчун таносуби харочоти номиналии хонавода ва маҳсули се омилҳое, ки барои ислоҳи нишондиҳандаҳои зерин заруранд, муайян карда мешавад:

1. тафовут дар талабот, аз сабаби ҳаҷми мухталифи хонаводаҳо;
2. таваррум;
3. тафовут дар сатҳи зиндагӣбайни минтақаҳои географӣ.

Минбаъд мо ҳар як қадамро муфассал шарҳ медиҳем.

## 3.2 Истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ

Дар ҳоле ки тавассути ТБХ нишондиҳандаҳои хароҷот[4] дар сатҳи *хонавода* ҷамъ карда мешавад (тавре, ки дар доираи аксари тадқиқот дар ҷаҳон гузаронида мешавад), мунтаҳо мо кӯшиш мекунем, ки маълумот оид ба некӯаҳволии фардӣ гирд оварем. Тавре ки Детон ва Заидӣ (2002 : 48) қайд намуданд:

> "Агар имконияти ҷамъ овардани маълумот дар бораи масрафи аъзоёни алоҳидаи оила мебуд, мо метавонистем бевосита аз маълумот ба некӣаҳволии фардӣ гузарем, аммо ба истиснои якчанд маҳсулот, чунин маълумот дастрас нест.Ҳатто аз нуқтаи назари консептуалӣ неъматҳои ҷамъиятии аз ҷониби ҳамаи аъзоёни оила истифодашавандаро назария тасаввур кунед. Аз ин рӣ, беҳтарин коре, ки метавон анҷом дод ин тасҳеҳ намудани хароҷоти умумии хонавода бо истифода аз нишондиҳандаи теъдоди аъзоёни оила ва истифодаи минбаъдаи нишондиҳандаи бадастомадаи некӣаҳволӣдар алоҳидагӣба ҳар як аъзои хонавода, мебошад".

Ҳамин тавр, нишондиҳандаҳои хароҷоти хонавода бояд вобаста аз ҳаҷми хонавода тасҳеҳ карда шаванд. Тарзи оддитарини тасҳеҳ аз тақсим намудани ҳаҷми умумии хароҷоти хонавода ба шумораи аъзоёни хонавода иборат аст, ки дар натиҷа хароҷот ба ҳар сари аҳолӣ (ХСА) ба даст оварда мешавад. Мусаллам аст, ки ин ҳали комил нест, зеро он бо сарфаҷӯӣи аз ҳисоби миқёс ё бо тафовут дар талаботи аъзоёни хонавода (бино ба тафовути синну солӣ ё ҷинсӣ) тасҳеҳ намегардад. Бо вуҷуди ин, тибқи тавсияи Детон ва Заидӣ  (2002 : 49) истифодаи ХСА таҷрибаи маъмулӣ ва пешқадам ба ҳисоб меравад: "Ҳисоби сатҳи некӯаҳволӣ ё камбизоатӣ бе ҳисоби хароҷот ба ҳар сари аҳолӣ ғайриимкон мебошад". Минбаъд мо нишондиҳандаҳои маҷмӯавии истеъмолро, ки ба ҳар сари аҳолӣ дубора ҳисоб шудааст, мунтазам истифода мебарем[5].

Дар доираи ТБХ пурсиши хонаводаҳо дар давоми сол чаҳор бор гузаронида мешавад ҳСулла ва Муноз, 2011]. Дар натиҷа, ҳаҷми хонавода дар давоми семоҳаҳо якхел боқӣ намемонад (**Ҷадвали 1**). Баъзе аз тағйироти мушоҳидашуда воқеӣ мебошанд. Таркиби хонавода метавонад бо сабабҳои асоснок дар давоми сол тағйир ёбад: таваллуд ва марг, никоҳ ва талоқ, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии зиндагии оилавӣ, ва ғайра. Аммо баъзе аз дигаргуниҳои мушоҳидашаванда аз сабаби роҳ додани хатогӣ ҳангоми пешниҳоди маълумот  метавонанд ба амал оянд. Дар ҳолати мавҷуд набудани маълумоти иловагӣ, аҳамияти нисбии тағйироти воқеиро аз арзёбии бесифат фарқ намудан аз имкон берун аст.

---

[4] Истилоҳи истеъмол бо мақсади дохил кардани тамоми бахшҳои маҷмӯи некӯаҳволӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Ҳиссаи муҳими истеъмол аз хароҷот иборат аст, аммо истеъмоли озуқа метавонад ҳатто ҳиссаи калони некӯаҳволии умумии ходаводаро, бахусус барои қишри кабизоат ташкил диҳад.

[5] Истилоҳи «хароҷот» баъзан ҳамчун синоними «истеъмол» истифода мешавад.

**Ҷадвали1.Тафовут дар ҳаҷми хонавода байни семоҳаи 2-ум ва 3-юм (фоиз)**

| Семоҳаи 3 минуси семоҳаи 2 | Душанбе | Суғд | Хатлон | НТҶ | ВМКБ | Деҳот | Шаҳр | Тоҷикистон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **-11** | 0.3 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.1 | 0.0 |
| **-7** | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.7 | 0.0 | 0.2 | 0.0 | 0.1 |
| **-6** | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.5 | 0.0 | 0.1 | 0.1 | 0.1 |
| **-5** | 0.3 | 0.1 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.1 | 0.1 | 0.1 |
| **-4** | 1.5 | 0.0 | 0.0 | 0.5 | 0.8 | 0.3 | 0.5 | 0.4 |
| **-3** | 1.8 | 0.2 | 0.6 | 0.3 | 0.0 | 0.3 | 1.0 | 0.5 |
| **-2** | 4.5 | 0.0 | 0.6 | 1.2 | 1.7 | 0.8 | 1.7 | 1.1 |
| **-1** | 6.8 | 2.7 | 3.0 | 4.7 | 6.7 | 3.9 | 4.3 | 4.0 |
| **0** | 66.8 | 92.7 | 89.2 | 83.5 | 81.7 | 87.7 | 81.8 | 85.5 |
| **1** | 7.3 | 4.2 | 4.0 | 6.0 | 5.8 | 4.4 | 6.1 | 5.0 |
| **2** | 3.3 | 0.1 | 1.4 | 1.2 | 1.7 | 1.2 | 1.4 | 1.3 |
| **3** | 3.5 | 0.0 | 0.3 | 0.5 | 1.7 | 0.4 | 1.4 | 0.8 |
| **4** | 2.0 | 0.0 | 0.3 | 0.3 | 0.0 | 0.2 | 0.8 | 0.4 |
| **5** | 0.8 | 0.0 | 0.3 | 0.0 | 0.0 | 0.2 | 0.3 | 0.2 |
| **6** | 0.3 | 0.0 | 0.1 | 0.0 | 0.0 | 0.1 | 0.1 | 0.1 |
| **7** | 0.5 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.2 | 0.1 |
| **8** | 0.5 | 0.0 | 0.1 | 0.2 | 0.0 | 0.1 | 0.2 | 0.1 |
| **9** | 0.3 | 0.0 | 0.0 | 0.3 | 0.0 | 0.1 | 0.1 | 0.1 |
| **12** | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.2 | 0.0 | 0.1 | 0.0 | 0.0 |
| | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Эзоҳ: Дар сутуни 1, сифр маънои бетағйир мондани ҳаҷми хонавода дар семоҳаи 2 ва 3-ро дорад, “+1” - дар хонавода дар семоҳаи 3 дар муқоиса бо семоҳаи 2 як аъзо илова шуд, дар ҳоле ки “-1” – ҳаҷми хонавода ба як адад дар байни семоҳаи 2 ва 3 кам шуд. Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар давоми ТБХ с. 2012, 2 ва 3 семоҳа.

Барои хонаводаҳои дорои ҳаҷми мухталиф дар давоми сол дар муайян намудани нишондиҳандаи ягона барои истифода ҳамчун ҳаҷми хонавода мушкилӣвуҷуд дорад. Ҳар семоҳа муқаррар намудани ҳаҷми хонавода метавонад ба таснифоти мухталифи камбизоатӣбарои ҳамон хонавода дар давоми сол оварда расонад. Барои пешгирӣ намудани мушкилии мазкур дар таҳлили мо ҳаҷми миёнаи хонавода ҷиҳати тасҳеҳи маҷмӯи истеъмол мавриди истифода қарор дода мешавад.

## 3.3 Нишондиҳандаи маҷмӯавии истеъмоли номиналӣ

Маълумоти дар саволномаҳои ТБХ ҷамъовардашуда имкон медиҳад, ки (ҳадди ақал) ду нишондиҳанда некӯаҳволӣ ҳисоб карда шавад:

I. Хароҷот барои молу маҳсулот ва хизматрасониҳои харида;

II. Истеъмоли воқеии молу маҳсулот ва хизматрасонӣ.

Бартарияти варианти (II) ин мебошад, ки нишондиҳандаҳои истеъмоли воқеӣ назар ба хароҷот камтар тағйир меёбанд (ки ба он эҳтимолан омилҳои мавсимӣ ва даврaӣ метавонанд таъсир расонанд). Азбаски хонаводаҳо дорои имконияти бо мурури замон ҳамвор кардани истеъмоли худ

мебошанд, варианти (II) ҳамчун нишондиҳандаи доимӣ (ё миёна)-и бештар муносиби сатҳи зиндагии қабул мешавад. Ғайр аз ин, аъзоёни хонаводаҳо назар ба маълумот дар бораи даромад одатан маълумоти бештар эътимоднокро дар бораи истеъмол пешниҳод мекунанд. Аз ин рӯ, мо нишондиҳандаи некӯаҳволии дар истеъмоли воқеӣ асосёфтаро интихоб мекунем.

Нишондиҳандаи маҷмӯавии номиналии истеъмолро метавон ҳамчун суммаи ду зермаҷмӯи истеъмол, бахусус хароҷот барои маҳсулоти хӯрока ва ғайриозуқа ифода кард. Аломате, ки минбаъд истифода мешавад, чунин мебошад:

Дар ин ҷо

- THC=хароҷоти умумии хонавода
- FHC =хароҷоти хонавода барои хӯрокворӣ
- NFHC =хароҷоти хонавода барои маҳсулоти ғайриозуқа-ро ифода мекунад.

Индекси зерхатти*hхонавода*ро ифода мекунад, бо .

### 3.3.1 Истеъмоли маҳсулоти хӯрока

Тадқиқоти буҷети хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз рӯи 71 намуди маҳсулоти озуқаворӣ иттилоот ҷамъоварӣ менамояд:

I. Шумораи маҳсулоти озуқаворӣи харидашуда (шакли 1, қисми 4)
II. Хароҷот барои маҳсулоти озуқаворӣи харидашуда (шакли 1, қисми 4)
III. Ҳаҷми истеъмол (шакли 2, қисми 1)

Бо вуҷуди ин, дар ҳоле ки бо истифода аз саволнома маълумот оид ба хароҷоти алоқаманд бо миқдори маҳсулоти озуқаи харидашуда ҷамъ оварда мешавад, он маълумотро оид ба арзиши истеъмоли маҳсулоти нахарида пешкаш намекунад. Бо дарназардошти авлотар донистани арзёбии некӣаҳволӣ дар асоси нишондодҳои воқеии истеъмол ва на харид, он мушкилиеро ба пеш меорад: Чӣ тавр бояд истеъмоли маҳсулоти нахарида ҳисоб карда шавад?

Бо истифода аз ҳаҷми харид ва андозаҳои дар формаи 1, қисми 4 овардашуда барои ҳар як маҳсулоти хӣрокаи аз ҷониби хонавода истеъмолшаванда (харида ё нахарида) арзиши хоси (АХ) он ҳисоб карда мешавад. Арзиши хоси барои ҳар як комбинатсияи хонавода - маҳсулот муайяншуда ҳисоби миёнаи арзиши хос барои ҳамаи хонаводаҳои ин маҳсулотро дар давоми ҳар як семоҳа харидорӣ намуда барои ҳар як минтақа бо тақсими хонаводаҳо ба деҳотӣ шаҳриро ифода мекунад[6]. Андозаи ниҳоии истеъмоли маҳсулоти хӯрокаи нахарида дар натиҷаи зарб задани ҳаҷми истеъмол ба арзиши хоси ин маҳсулот ба даст оварда мешавад. Андозаи ниҳоии истеъмолро метавон ба таври зайл ифода намуд:

---

[6]Агар камтар аз 26 мушоҳида бошад, дар ин сурат комбинатсияи маҳсулот-шаҳр/деҳот- семоҳа истифода мешавад.

Дар ин ҷо:

- PFHC = истеъмоли озуқаи аз ҷониби хонавода харида,
- Q_NP_FHCN = шумораи озуқаи нахаридаи аз ҷониби хонавода истеъмолшуда, ва
- ҒV = арзиши хос, ки барои ҳар як комбинатсияи маҳсулоти озуқаи хонавода муқаррар мегардад.

Индекси зерхатти*hхонавода*ро ифода мекунад, бо .

3.3.2 **Истеъмоли маҳсулоти ғайриозуқа(NFHC)**

Хароҷоти маҳсулоти ғайриозуқаи хонаводаҳо ҳамчун суммаи се зермаҷмӯъ муайян мегардад:

Дар ин ҷо:

= тамоми хароҷоти маҳсулоти муҳлати истифодааш кӯтоҳ ва ғайриозуқа ва хизматрасониҳоро муайян мекунад

= ҷараёни истеъмол, ба истисноии маҳсулоти муҳлати истифодааш дароз, ки дар хонавода мебошад,

= арзиши истифодаи манзил.

Дар доираи ТБХ маълумот дар бораи ҳамаи ин се зермаҷмӯъ ҷамъ оварда мешавад, аммо, тавре ки мо баъдтар мебинем, танҳо зермаҷмӯи якум ( ) метавонад бо эътимоди комил ҳисоб карда шавад.

**Маҳсулоти ғайриозуқаи муҳлати истифодааш кӯтоҳ ва хизматрасониҳо**

Қисми 5, 6, 7 ва 8 дар формаи 1 хароҷоти моҳона барои маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасониҳоро дар сатҳи хонавода дар бар мегирад. Қисми 5,6, 7 инчунин маълумот дар бораи шумора ва арзиши молу хизматрасонии ҳамчун туҳфа гирифтаро дар бар мегирад ва дар охир қисми 6 ва 7 маълумот дар бораи шумора ва арзиши молу хизматрасониҳое, ки ҳамчун туҳфа харида шудааст, дар бар мегирад.

**Қисми 5:***“Либос, маҳсулоти нассоҷӣ, матоъ ва пойафзол”.*Тамоми хароҷоти дар ин қисм овардашуда ба нишондиҳандаи маҷмӣавии хароҷот дохил карда шуд. Арзиши умумии истеъмол аз ҷониби хонаводаҳо тавассути ҷамъи харид ва арзиши туҳфаҳои гирифта ҳисоб карда мешавад.

**Қисмҳои 6 ва 7:**“*Мебел, ашёи фарҳангӣ ва хонагӣ”, “Хариди собун, воситаҳои синтетикии шустушӣ”.*Қисмҳои мазкур хароҷоти алоқаманд бо мебел, ашёи фарҳангӣ ва хонагӣ, хариди собун, воситаҳои шустушӣ, сӯзишворӣ, маҳсулоти тамоку, хӯрок барои чорво ва дона барои паррандагон ва ғайраро дар бар мегиранд. Арзиши умумии истеъмол дар хонавода бо ҷамъ кардани ҳаҷми харид ва арзиши туҳфаҳои қабулкарда ва тарҳ намудани арзиши молу ашё, ки аз тарафи хонавода ҳамчун туҳфа дода шудааст, ҳисоб карда мешавад (Детон ва Заидӣ, 2002). Молҳои истеъмолии дорои арзиши баланди муҳлати истифодаашон дарозмуддат аз қисми 6 тибқи равиши дар ҳуҷҷати мазкур истифодашуда, хориҷ карда шуданд (ниг. ба қисмати молҳои муҳлати истифодаашон

дарозмуддат)[7]. Мо тамоми хароҷоти алоқаманд бо истеҳсолотро ки дар қисми 7 оварда шудаанд, хориҷ кардем, зеро онҳо ба истеъмол дохил намешаванд.[8]

**Қисми 8**: *"Хароҷоти пулӣ барои пардохти хизматрасониҳои шахсӣ ва истеҳсолӣ".* Модули мазкур хароҷоти алоқаманд бо иҷораи воқеӣ, хизматрасонии коммуналӣ, таъмир, хизматрасониҳои маишӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, хизматрасониҳои нақлиёт, тандурустӣ ва истеҳсолотро дар бар мегирад. Тамоми хароҷоти мазкур ба нишондиҳандаи маҷмӯавии истеъмол дохил карда шуданд, ба истиснои пардохти маблағ барои масоҳати манзил, таъмир ва сохтмони хонаҳо ва ҳамаи хизматрасониҳои истеҳсолӣ[9].

**Молҳои истеъмолии муҳлати истифодаашон дарозмуҳлат**

Формаи 6 саволномаи ТБХ маълумотро дар бораи молҳои муҳлати истифодаашон дароз ҷамъ меоварад. Аз хонаводаҳо хоҳиш карда мешавад маълумотро дар бораи молҳои харидаи муҳлати истифодаашон дароз пешниҳод кунанд ва ба он молҳои муҳлати истифодаашон дароз, ки дар моҳҳои қаблӣ харидорӣ шудаанд, дохил намешавад ва муддати истифодаи он дода мешавад. Бе маълумот дар бораи молҳои дар гузашта харида, аз он ҷумла маълумот дар бораи санаи истеҳсол ва нархи он, арзёбӣ намудани "нархи истеъмолии" молҳое, ки ба нишондиҳандаи маҷмӯавии истеъмол дохил карда мешаванд, аз имкон берун мебошад. Барои ҷуброни ин маҳдудият, арзиши хариди молҳои хурди муҳлати истифодаашон дароз ба маҷмӯи истеъмол дохил карда шуд. Молҳои хурди муҳлати истифодаашон дароз бештар маъмул буда тез-тез харидорӣ мешаванд. Метавон тахмин кард, ки **нархи хариди молҳои нави** хурди муҳлати истифодаашон дароз ҳисоби хуби **нархи истеъмолии тамоми** молҳои хурди муҳлати истифодаашон дарозро дар хонавода инъикос мекунад. Барои шиносоӣ бо рӯйхати пурраи молҳои дохилкардашуда ва хориҷкардашудаи муҳлати истифодаашон дароз нигаред ба ЗАМИМАИ А.

**Ҳисоби ҳаққи истифодаи манзил/ иҷораи манзил**

Бахши манзилии нишондиҳандаи маҷмӯавии истеъмол бояд арзиши моҳонае, ки хонавода аз ҳисоби банд намудани манзили истиқоматии онҳо ба даст меорад арзёбӣ намуда бо пул ифода кунад. Саволномаи ТБХ танҳо ин маълумотро барои иҷорадиҳандагон ҷамъ меоварад (саволи 801-802=1 қисми 8, формаи 1).Маълумоти ТБХ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон аксарияти хонаводаҳо дорои хонаҳои шахсӣ мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки барои аксарияти хонаводаҳои бо пурсиш фарогирифташуда бояд арзиши шартии иҷора ҳисоб карда шавад, яъне арзише, ки соҳибмулкон дар сурати иҷора кардани хонаҳои худ бояд мепардохтанд.

---

[7]Рамзҳои аз қисми 6 хориҷ кардашуда: 605 – телевизори ранга, 606- видеомагнитофон, 624- яхдон, 625-дастгоҳи ҷомашӯи, 626- чангкашак, 627- дарзмоли электрикӣ, 628- барқ, 629- дастгоҳи дигар ба маблағи сомонӣ, 630- мошини сабукрав, 632-мотосикл, дучарха, 635- мошини дӯзандагӣ, 638- мизи таомхӯрӣ ва ошхона, 639- мизи корӣ, 640-диван, кушетка, диван, 641-рахти хоб, диван-рахти хоб, 642-кресло, кресло-рахти хоб, 643- курсӣ, 644- ҷевон, либос, китоб, 645-ҷевони зарф, ҷевони деворӣ, 646- ошхона, хонаи хоб 647- мебели ошхона ва ғ.

[8]Рамзҳои аз қисми 7 хориҷкардашуда аз 718 то 74. Истеҳсолот дар истеъмоли маҳсулот инъикос ёфтааст. Масалан, дар сурати нишон додан ҳамчун аз ҷониби хонавода истеъмолшуда ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар қисмҳои алоқаманд бо маҳсулоти озуқа иъникос ёфтааст.

[9]Дар қисми 8 рамзҳои 801-р802=1, 801-р802=6 ва ҳамаи рамзҳои 810 хориҷ карда шуданд.

Муттаассифона, дар саволномаи ТБХ савол дар бораи нархи иҷораи хонаҳои онҳо вуҷуд надорад. Аз тарафи дигар, ҳаҷми хурди намуна имкон намедиҳад, то ки арзиши иҷора тавассути регрессияи ҳедоникӣ ҳисоб карда шавад. Аз сабаби набудани маълумоти муносиб, хароҷоти манзил аз нишондиҳандаи маҷмӯавии некӯаҳволӣ хориҷ карда шуд. Чунин стратегия низ дар ҳисоботи ТСЗ оид ба арзёбии камбизоатӣ аз соли 1999 то 2009 истифода шудааст.

### 3.4 Индекси замониинархҳои истеъмолӣ

Азбаски маълумоти дастрас дувоздаҳ моҳи соли 2014 фаро мегирад, тасҳеҳи таваррум дар давоми сол зарур мебошад. Дар давоми ин давра нархҳо аз он ҷумла қобилияти харидории хонаводаҳо тағйир ёфтаанд. Аз ин рӣ, пеш аз истифодаи тағйирёбандаҳои пулӣ барои баровардани нишондиҳандаи маҷмӣавии некӣаҳволӣ мо тамоми арзишҳои пулиро бо истифода аз ИНИ-и расмӣ бо нархҳои доимӣ ифода намудем.

**Ҷадвали2. Рақамҳои семоҳаи ИНИ барои Тоҷикистон**

| Сол | Семоҳа | ИНИ | То 1 яклухт кардашуда |
|---|---|---|---|
| 2014 | 1 | 218.5 | 0.971 |
| 2014 | 2 | 224.6 | 0.998 |
| 2014 | 3 | 226.8 | 1.008 |
| 2014 | 4 | 230.0 | 1.022 |

Манбаъ: Хазинаи маълумоти СБА[10]

Бо дарназардошти схемаи намунавии аз ҷониби Сулла ва Мунос (2011) тасвиршуда, беҳтарин роҳи бо нархҳои доимӣ ифода намудани хароҷот истифодаи ИНИ-и моҳона метавонад буд. Бо вуҷуди ин, дар маҷмӣи маълумоти ТБХ ягон маълумот дар бораи моҳи пурсиш оварда намешавад. Бо ин мақсад мо хароҷоти хонаводаро бо истифода аз ИНИ-и семоҳа бо нархҳои доимӣ ифода намудем, ки ҳамчун ҷамъи ИНИ моҳона ба ҳисоби миёна оварда мешавад. Дар натиҷа, маълумоти семоҳаи ИНИ барои ҳар як семоҳа тавассути тақсими рақами ИНИ семоҳа ба рақами миёнаи ҳамаи чаҳор семоҳаҳо тақсим карда мешавад.

### 3.5 Индекси маконии нархҳои истеъмолӣ

Бо дарназардошти тафовут дар қобилияти харидорӣ бино ба фарқият дар сатҳи нархҳо дар минтақаҳои мухталифи географӣ муқоисаи сатҳи некӯаҳволӣ тасҳеҳи нишондиҳандаҳои некӯаҳволии пулиро тақозо мекунад. Дар ин қисм мо қадамҳои зарур барои арзёбии индекси Пааше дар сатҳи хонаводаро тасвир мекунем. Дар ҳоле ки дигар индексҳои нархҳоро метавон интихоб намуд, бартарияти индекси Пааше дорои ду ҷанба аст. Якум, арзёбии он аз лиҳози ҳисобкунӣ хеле содда ва зуд мебошад. Дуввум, истифодаи индекси Пааше ба таври қатъӣ тавсия мешавад, зеро он дар назарияи иқтисодӣ «комилан асоснок» карда шудааст: фоиданокии пулиро (Самуэлсон 1974) тавассути тақсим намудани хароҷоти умумии хонавода ба индехси нархии Пааше

---

[10]Рақамҳои ИНИ аз сомонаи расмии Тоҷикистон сатҳи таваррумро (ё ҳатто дефлятсияро) аз соли 2000 то 10 ё 4 нишон намедиҳанд. Эҳтимолан, рақамҳои ИНИ дар ҳудуди ҳар сол тақсим карда шуда буданд.

метавон тахминан ифода намуд (Детон 1980; Детон ва Заидӣ 2002). Индекси Пааше барои хонаводаи *h* ба таври зайл муайян мегардад:

Муодилаи 1

дар ин ҷо нархи маҳсулоти *j* барои гурӯҳи намунавии 0 мебошад (барои рӯйхати пурраи молҳои ба индекс дохилшаванда нигаред ба Замимаи А). Индекс таносуби байни нархи сабади мол ва хизматрасонӣ, ки аз тарафи хонаводаи *h* харидорӣ шудааст ва нархи чунин сабади маҳсулот, ки аз ҷониби хонаводаи намунавӣ (“хонаводаи миёна”, бо 0 индексшуда) пардохт шудааст. Аз формулаи қабли мо инро ба даст меорем:

Баробарии 2

дар ин ҷо нархи нисбии маҳсулоти *j* мебошад.

### 3.5.1 Нисбияти нархҳо

ТБХ маълумотро оид ба хароҷот ва шумораи маҳсулоти харидашуда барои ҳам маҳсулоти хӯрока ва ҳам ғайриозуқа (интихобшуда) таъмин мекунад. Ҳамин тавр, арзиши воҳиди маҳсулотрометавон ба таври зайл ҳисоб кард:

Муодилаи3

Дар ин ҷо - хароҷоти хонаводаи *h* барои молу маҳсулоти *j* мебошад.

Пеш аз ҳисоб кардани арзиши воҳиди маҳсулот, дар тақсимоти арзиши воҳид дар сатҳи маҳсулот нишондиҳандаҳои хориҷшаванда бо истифода аз қоидаи зерин ошкор гардид:

Муодилаи4

Дар ин ҷо мебошад. Ҳамагуна мушоҳидае, ки берун аз фосилаи дар муодилаи 4 муайяншуда меафтад ҳамчун ғоиб дониста шуда баъдан бо арзиши шартӣ иваз карда шуд (тартиби он дар поён тасвир шудааст). Фосила (х рақам) 2.5 барои маҳсулоти озуқа ва 2.99 барои маҳсулоти ғайриозуқа ташкил дод[11].

[11] Дар ҳудуди 2,5, 2,0 фоиз маҳсулоти озуқа ҳамчун хориҷшаванда тасниф карда шуданд. Дар ҳуҳуди 2,99, 1,6 фоизи маҳсулоти ғайриозуқа ҳамчун хориҷшаванда тасниф карда шуданд.

Дар асоси воҳидҳои нархи “Тозакардашуда”, таносуби нисбияти нарх ба таври зайл ҳисоб карда шудабуд:

Муодилаи5

Дар ин ҷо

метавонад набошад, ҳатто агар истеъмоли воқеии маҳсулоти *j* мусбат бошад (истеҳсоли худии маҳсулот, кам шудани захираҳо, туҳфаҳои гирифта ва ғайра). Дар ҳамаи ин ҳолатҳо, арзишҳои набударо бояд шартан ҳисоб кард. Тартиби монанди иерархӣ дар банди 2.3.1. тасвир шудааст:

[12]

Дар ин ҷо барои гуруҳи намунавии H-ро ифода мекунад.

3.5.2 Ҳиссаҳои буҷет

Ҳиссаҳои буҷет ки барои ҳисоби индекси маконии нархҳои истеъмолӣ заруранд, ба таври зерин ҳисоб карда мешаванд:

Муодилаи 6

Дар ин ҷо маблағи умумии хароҷоти хонаводаро барои ҳамаи молҳои j, ки ба индеки нархҳои Пааше дохил карда шудаанд, ифода мекунад.

### 3.5.3 **Индекси ниҳоии нархҳои Пааше**

Бо натиҷаҳои муодилаи 5 ва 6, метавон индекси пешакии нархҳои Паашеро барои ҳар як хонавода (муодилаи 2) ҳисоб намуд. Пеш аз истифодаи индекс, мо аввал андозаи миёнаро барои таркиби ҳар семоҳа, минтақа, ноҳия ҳисоб мекунем ва баъд ҳар як аз 36 индекси нархҳоро бо ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ тақсим мекунем.

Муодилаи7

Индексҳои маконии нархҳои Пааше (ИМН) аз рӯи семоҳа, минтақаҳои шаҳру деҳот тақсимшуда дар ҷадвали 3 оварда шудаанд. Модулҳои тақсимшудаи ИМН аз 0,93барои семоҳаи охирин дар манотиқи деҳоти вилояти Суғд ва Хатлон то 1,17барои семоҳаи охирин дар манотиқи

[12] Ба ин ҳолатҳое дохил мешаванд, ки дар он n = 0 (бе мушоҳида ё ғоиб).

шаҳрииВМКБ ташкил медиҳад. Азбаски дар шаҳри Душанбе танҳо хонаводаҳои шаҳрӣ истиқомат мекунанд, рақами умумии таркибҳо 36 ташкил медиҳад.

**Ҷадвали2. Индекси тақсимшудаи маконии нархҳои Пааше, Тоҷикистон, соли2014**

| Минтақа | | Таркиби сол ва семоҳа | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Сем.1** | **Сем.2** | **Сем.3** | **Сем.4** |
| **Душанбе** | **шаҳр** | 1.15 | 1.08 | 1.09 | 1.08 |
| **Суғд** | **шаҳр** | 1.02 | 1.00 | 0.97 | 0.98 |
| | **деҳот** | 0.96 | 0.95 | 0.92 | 0.93 |
| **Хатлон** | **шаҳр** | 1.04 | 0.98 | 1.00 | 0.98 |
| | **деҳот** | 0.97 | 0.93 | 0.94 | 0.93 |
| **НТҶ** | **шаҳр** | 1.10 | 1.03 | 1.02 | 1.03 |
| | **деҳот** | 1.03 | 0.99 | 0.97 | 0.97 |
| **ВМКБ** | **шаҳр** | 1.32 | 1.29 | 1.31 | 1.17 |
| | **деҳот** | 1.19 | 1.15 | 1.15 | 1.11 |

Манбаъ: Ҳисоби кормандон дар асоси ТБХ, ТоҷСтат

## 3.6 Нишондиҳандаҳои воқеии маҷмӯи истеъмол

Нишондиҳандаи ниҳоии некӯаҳволӣ суммаи умумии хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо бо ҳаҷми хонавода ва ИМН (Пааше) тақсимкардашуда мебошад. Суммаи маҷмӯавии бадастомада ҳамчун “Хароҷоти воқеии истеъмолӣ” унвон дода мешавад, зеро муқоисаи сатҳи камбизоатии хонаводаҳои минтақаҳои кишвар на аз рӣи ҳаҷми хонавода ва на аз рӯи харҷи зиндагӣ холисона нестанд.

Нишондиҳандаи миёнаи воқеии маҷмӯи истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ дар Тоҷикистон аз рӯи ҳисоб 231.67 сомониро ташкил медиҳад, яъне аз 102.53 сомонӣ барои қишри камбизоати аҳолӣ то 440.20 сомонӣ барои қишри сарватманд. Нишондиҳандаи миёнаи истеъмол дар манотиқи шаҳрӣ(263.78 сомонӣ) назар ба хонаводаҳои манотиқи деҳот (216.06 Сомонӣ) ба 22 фоиз зиёд мебошад. Нишондиҳандаи аз ҳама баланди истеъмол дар ш.Душанбе ва вилояти Суғд, аз ҳама пасттарин дар ВМКБ ба назар мерасад (202.53 сомонӣ). Ба ҳисоби миёна, 65.3 фоизи буҷети хонавода барои маҳсулоти хӯрока масраф мегардад (**Ҷадвали 4**).

**Ҷадвали3. Нишондиҳандаи умумии хароҷоти ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ бо нархҳои доимӣ ифодашуда, Тоҷикистон барои соли 2014**

| Гурух | | Сомонӣ/моҳ | хароҷоти озуқа, бо фоиз | хароҷоти ғайриозуқа, бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Минтақа | Душанбе | 277.24 | 56.9% | 43.1% |
| | Суғд | 264.49 | 60.2% | 39.8% |
| | Хатлон | 208.53 | 70.9% | 29.1% |
| | НТҶ | 215.92 | 68.5% | 31.5% |
| | ВМКБ | 202.53 | 69.3% | 30.7% |
| Минтақа | Шахр | 263.78 | 59.9% | 40.1% |
| | Деҳот | 216.06 | 68.5% | 31.5% |
| Квинтил | Квинтили1(нодортарин) | 102.53 | 76.1% | 23.9% |
| | Квинтили2 | 154.22 | 72.8% | 27.2% |
| | Квинтили3 | 199.89 | 70.3% | 29.7% |
| | Квинтили4 | 261.60 | 66.5% | 33.5% |
| | Квинтили5(аз ҳама сарватманд) | 440.20 | 57.2% | 42.8% |
| ҲАМАГӢ | | 231.67 | 65.3% | 34.7% |

Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси ТБХ, ТоҷСтат

## 3.7 Нобаробарӣ

Дар Тоҷикистон нишондиҳандаҳои нобаробарӣ дар манотиқи шаҳрӣ баландтар мебошанд. Нишондиҳандаҳои нобаробарӣ инчунин дар вилояти Суғд ва НТҶ баланд буда дар ВМКБ пасттар мебошанд. Дар воқеъ, дар ҳоле ки сатҳи умумии нобаробарӣ бо назардошти таносуби Ҷинӣ 0,29 нисбатан паст мебошад, ВМКБ – минтақаи дорои нишондиҳандаи пасттарини истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ дорои индекси пасттарини Ҷини – 0,259 мебошад. Аз тарафи дигар, НТҶ, минтақаи дорои нишондиҳандаи истеъмолибаландтар аз ВМКБ ва Хатлонба ҳар сари аҳолӣ дорои индекси баландтарини Ҷини (0,294) мебошад (**Ҷадвали 5**).

**Ҷадвали4.Индекси Ҷинӣ аз рӯи минтақаву ноҳияҳо, Тоҷикистон, (2014)**

| | Дар сатҳи ҷумхурӣ | Минтақа | | | | | Ноҳия | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Душанбе | Суғд | Хатлон | НТҶ | ВМКБ | Шахр | Деҳот |
| Ҷинӣ *100 | 29.0 | 28.4 | 28.7 | 27.4 | 29.4 | 25.9 | 28.8 | 28.4 |

Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси ТБХ, Тоҷстат

# 4 ҲУДУДҲОИ КАМБИЗОАТИИ БАРОИ АРЗЁБИИ КАМБИЗОАТӢ ИСТИФОДАШУДА

Дар ин фасл тартиби муқаррар намудани худуди мутлақи камбизоатӣ барои Тоҷикистон бо истифода аз маълумоти ТБХ шахр дода шудааст. Равалион (1994) баёни равшани асосноккунии назариявии ба истилоҳ "усули муайян намудани арзиши ниёзҳои асосӣ" (АНА)-ро пешниҳод менамояд. Мо ба ин усул ба ду сабаб такя намудем:

1) Усули АНА дар Гузориши арзёбии хати камбизоатӣ дар асоси маълумоти ТАСЗ соли 2007 низ истифода мешавад. Ин масъалаи тафтиши натиҷаҳоеро, ки бо воситаи маълумоти ТБХ аз соли 2009 ба даст оварда шуданд, осон мекунад.
2) Тафсири усули АНА оддӣ буда натиҷаҳоеро, ки дар чунин хати камбизоатӣ асос ёфтаанд, метавон бо осонӣ ба шунавандагони васеъ расонид.

Тибқи усули АНА, ҳудуди умумии камбизоатиро (Z) метавон ҳамчун суммаи ду бахш, бахусус *ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ* ($Z_F$) ва *кӯмакпулӣ барои истеъмоли маҳсулоти ғайриозуқа* ($Z_{NF}$) муайян намуд:

Дар ин ҷо $Z_F$“ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ” буда (банди 3.1), $Z_{NF}$кӣмакпулӣ барои маҳсулоти ғайриозуқа мебошад (банди 3.2).

## 4.1 Ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ($Z_F$)

Хати камбизоатии озуқаворӣ бо истифода аз се қадам муайян мегардад:

1) Талаботи ба андозаи миёнаи килокалорияро (ТМК), ки ҳамчун шумораи миёнаи килокалорияи (ба сари ҳар нафар дар як рӯз) зарурӣ барои қонеъ намудани талаботи ҳаррӯза ба нерӣ дар Тоҷикистон.
2) Арзиши воҳиди калория бо истифода аз арзиши миёнаи як килокалория барои “гурӯҳи намунавӣ” яклухт карда мешавад.
3) Вақте ки қадамҳои 1 ва 2 анҷом расонида шуданд, ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ $Z_F$ҳамчун ҳосили ТМК (қадами 1) ба арзиши ҳадди ақали як килокалория (қадами 2) ба даст оварда мешавад:

### 4.1.1 **Талабот ба андозаи миёнаи килокалория (ТМК)**

Бо вуҷуди мавҷудияти усулҳои зиёд барои ҳисоб кардани ТМК ҳКаквани 2003], дар ин ҳуҷҷат мо ТМК-ро ҳамчун арзиши нормативӣ маънидод мекунем, яъне ҳамчун андозаи ҳадди ақали килокалорияҳо, ки ба ҳисоби миёна мардуми Тоҷикистон бояд ҳамарӯза барои бурдани ҳаёти солим ва фаъоли ҷамъиятӣ истеъмол кунанд.

Мо ТМК-ро баробар бо **2,250 килокалория** ба сари ҳар нафар дар як рӯз муқаррар мекунем. Ин ҳамон ҳаддест, ки дар гузориши арзёбии камбизоатии соли 2009 истифода шуда буд.

### 4.1.2 **Арзиши як килокалория**

Воҳиди арзиши килокалорияҳо дар сатҳи хонаводаҳо тавассути тақсим намудани хароҷоти умумӣ барои маҳсулоти хӣрокаи нархи бозор бо андозаи умумии килокалорияи барои ҳар як хонавода зарурӣ, ҳисоб карда мешавад.Арзиши миёнаи як килокалория барои ҳар як хонавода ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

Муодилаи 8

Дар ин ҷо харoҷоти озуқаи хонаводаи *h* барои маҳсулоти хӯрокаи *j* (бо истифода аз индекси нархҳо Пааше бо нархҳои доимӣ ифодашуда), ва - килокалорияҳои маҳсулоти хӯрокаи *j* аз ҷониби хонаводаи *h* истеъмолшуда, мебошад. дар доираи ҳисобу китоби маҷмӯи истеъмол ҳисоб карда мешавад ва ҳамчун:

Муодилаи9

муайян мегардад, дар инҷо

миқдори калорияҳои ҳар як маҳсулоти хӯрокаи *j* мебошад. Миқдори калория дар ҳар як маҳсулоти хӯрока дар Замимаи А нишон дода шудааст.

Арзиши ниҳоии воҳиди калория ба намудҳои хонавода ё аҳолии намунавӣ асос ёфтааст. Барои ҳисоби қисми озуқаvории ҳудуди камбизоатӣ, аҳолии намунавӣ танҳо хонаводаҳои камбизоатро дар бар мегирад ва ба он хонаводаҳои дар қисми поёнӣ қарордошта дохил намешаванд. Барои иҷрои ин машқ хонаводаҳои дар даҳфоизаи 3-36 қарордошта интихоб шуданд[13]. Рақами миёнаи 1 ба хонаводаи гуруҳи намунавӣ аз рӣи ҳисобҳо **0.00180560073сомонӣ/Ккал** ташкил медиҳад.

### 4.1.3 Арзиши ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ

Арзиши худуди камбизоатии озуқаворӣ ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

= 2,250 Ккал/рӯз* 0.00180560073 сомони/Ккал = 4.062601643836 сомонӣ/рӯз ё

= 4.062601643836 сомонӣ/рӯз * 365 рӯз/12 моҳ = 123.5708 сомонӣ/моҳ ~= **123.57 сомонӣ/моҳ**

[13]Азбаски сатҳи камбизоати аз аввал маълум нест, равиши итеративӣ ба кор бурда шуд. Ҳангоми ҳисобҳои аввалин сатҳи камбизоатии охирин, ки маълум аст барои аҳолии намунавӣ истифода мешавад (ё даҳфоизаҳои 5-30, дар сурати набудани арзёбии қаблӣ). Агар натиҷаҳои ниҳоӣ тағйиротро дар сатҳи камбизоатӣ нишон диҳанд, сатҳи камбизоатӣ бо аҳолии намунавии нав аз нав ҳисоб карда мешавад. Агар натиҷаи ҳисоби такрорӣ сатҳи нави камбизоатӣ диҳад, сатҳи камбизоатӣ бори дигар бо аҳолии намунавии нав ҳисоб карда мешавад. Чунин амал то он даме иҷро мегардад, ки гуруҳи намунавӣ дар ҳудуди 2 фоиза то сатҳи поёнии кабизоатӣ қарор нагирад. Таҷриба нишон дод, ки наздикшавӣ одатан дар давоми се ё чор давра ба даст меояд.

## 4.2 Бахши ғайриозуқа ва ҳудуди умумии камбизоатӣ

Ҳангоми истифодаи усули АНА ҳудуди умумии камбизоатӣ тавассути ҳамроҳ намудани кӯмакпулӣ барои ниёзҳои асосии ғайриозуқа ба ҳудуди камбизоватии озуқаворӣ ҳисоб карда мешавад. Усули бештар маъмули ҳисоби дуюм бахши ҳудуди камбизоатӣ он усулест, ки аз ҷониби Равалион (1994), Равалион ва Бидани (1994) пешниҳод мегардад.

Ҳисобро метавон бо риояи тартиби сеқадама амалӣ намуд. Аввал хонаводаҳое муайян мегарданд, ки хароҷоти умумии онҳо ба ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ наздик мебошад. Баъд, ҳиссаи маҳсулоти хӯрока ба истеъмоли умумӣ (таносуби Энгелс) барои хонаводаҳои алоҳида ҳисоб карда мешавад. Дар охир, ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ барои бадаст овардани нишондиҳандаи ҳудуди поёнии камбизоатӣ ба таносуби Энгелс тақсим карда мешавад[14]:

Муодилаи 10

Дар ин ҷо арзиши ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ мебошад (123.57 сомонӣ/моҳ) ва нишондиҳандаи миёнаи таносуби Энгелс барои хонаводаҳои гуруҳи намунавӣ мебошад, ки ҳамчун хонаводаҳои дорои нишондиҳандаи умумии истеъмол тақрибан 5 фоизи ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ (болотар ё поёнтар) муайян шудаанд.Бо истифодаи ин усул мо ҳудуди умумии камбизоатиро муайян мекунем:

**~= 158.71 сомонӣ/моҳ**

Бахши ғайриозуқаи ҳудуди камбизоатӣ тибқи ҳисобҳо 158.71 сомонӣ/моҳ-123.57 сомонӣ/моҳ= **35.14 сомонӣ/моҳ** ташкил медиҳад.

**158.71 сомонӣ/моҳ= 123.57 сомонӣ/моҳ+ 35.14 сомонӣ/моҳ**

## 4.3 Аз нав дида баромадани хати камбизоатӣ

Пас аз он, ки хати камбизоатӣ дар асоси тартиботи дар ҳуҷҷати мазкур дарҷгардида муайян карда мешавад, ҳар се моҳ як маротиба бо истифодаи индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ), ки тавассути воҳиди миёнаи медианагии (медианное значение) ҳиссаи истифодаи маводҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣи дар байни гуруҳи бақайдгирифташудаистода дар соли заминавӣ муайян карда мешавад, нав карда мешавад. "ИНИ-и шахси камбизоат"-и мазкур бо истифодаи нархҳои миёнаи медианагии расмии ИНИ-и озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣи аз ҷониби Агентии омор пешниҳодшаванда нав карда мешавад. Ҳамин тавр, хати камбизоатӣ барои соли 2012-2013 (ё эҳтимолан барои соли тақвимии 2013) дар сатҳи 146.77 сомонӣ дар як моҳ ҳисоб карда шуда, он

[14]"L: ба $Z_L$ барои он истифода мешавад, ки усули мазкур он чизеро ки ҳамчун ҳудуди поёнии камбизоатӣ маъруф аст, медиҳад. Ғайр аз ин метавон гуруҳи он хонаводаҳое, ки барои онҳо **истеъмоли озуқа** (ба ҷои истеъмоли умумӣ) ба ҳудуди камбизоатии озуқаворӣ наздик аст, тағйир дод ва $Z_U$ ё ҳудуди болоии камбизоатиро ба даст овард.

"Меҳварест", ки тавассути он арзиши хати камбизоатӣ ва тамоми нишондиҳандаҳои камбизоатӣ дар оянда ҳисоб карда мешавад.

## 5 НАТИҶАҲОИ КАМБИЗОАТИИ АСОСӢ

Ҳангоми муқоисаи маҷмӯи истеъмоли моҳона ба ҳар сари аҳолӣ бо ҳудуди камбизоати метавон ҳудуди интиҳоии (озуқаворӣи) камбизоатиро дар сатҳи ҷумҳурӣ ба даст овард, ки он 16,8 фоизро ташкил медиҳад, сатҳи умумии камбизоатӣ бошад 32 фоизро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ дар НТҶ ва ВМКБ баландтар буда дар вилояти Хатлон нисбатан паст мебошад. Сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои деҳот (36,1 фоиз) назар ба шаҳр (23,5 фоиз) низ баландтар мебошад (**Расми 1**).

Расми1.Сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар Тоҷикистон, 2014




Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси ТБХ, Тоҷстат

Аҳолии камбизоат дар деҳоти Тоҷикистон ва дар се минтақаи вилояти Хатлон ва НТҶ тамаркуз ёфтааст. Дар ҳақиқат, қариб чор аз панҷнафари камбизоат дар хонаводаҳои деҳот умр ба сар мебаранд. Ғайр аз ин тақрибан аз чор се ҳиссаи аҳолӣ дар НТҶ ё вилояти Хатлон зиндагӣ мекунад

(**Расми 2**).

Расми 2. Ҳиссаи камбизоатӣ, Тоҷикистон, соли 2014




Манбаъ: Ҳисобҳои кормандон дар асоси ТБХ, Тоҷстат

# 6 НАҚШАИ ТАКМИЛДИҲИИ ТАДҚИҚОТИ БУҶЕТИ ХОНАВОДА (ТБХ)

## 6.1 Шӯрои камбизоатӣ

### 6.1.1 Омилҳо

Нишондиҳаҳои алоқаманд бо камбизоатӣ аксари вақт дилхоҳ буда аз лиҳозӣ сиёсӣ хеле ҳасос мебошанд. Бояд фаромӯш накард, ки ин рақамҳои танҳо барои раҳнамоӣ намудани стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии кишвар муҳиманд ва барои бурдани назорат ва арзёбии рафти иҷрои он кӣмак мерасонанд. Агар дар атрофи асосҳои методологии чунин рақамҳо фикри ягона вуҷуд надошта бошад, тарафҳои манфиатдор метавонанд ба мубоҳисаҳои хастакунанда оид ба он ки чӣ тавр бояд камбизоатӣ арзёбӣ гардад ба осонӣ кашида шаванд ва ба роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ аҳамият надиҳанд. Бо мақсади кам кардани хавфи мазкур, Бонки ҷаҳонӣ бо муваффақият ба якчанд кишвар дар раванди ташкилӣ ва ҷалб намудани тарафҳои манфиатдори миллӣ ва хориҷӣ дар фаъолияти Шӯрои камбизоатӣ кӯмак намуд. Шӯрои мазкур майдонест танҳо барои гузаронидани муҳокимаҳои масъалаҳои техникӣ. Дар ҳайати он бояд мутахассисони мухталифи техникии кишвар аъзо буда ҳаҷми муайяни кор ва вазифаи ниҳоӣ дошта бошад[15]. Дар мавриди мазкур он вазифа аз пешниҳод намудани методологияи арзёбии камбизоатии пулӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

### 6.1.2 Вазифаҳо

1. Таъмин намудани такяи рақамҳои камбизоатии пулӣ ба таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ;

[15] Дар баъзе кишварҳо дуюм Кумитаи масъул барои функсияҳои иҷроиявӣ ва сиёсӣ таъсис дода шудааст.

2. Дастгирӣ дар таъмини ҳамоҳангии байниидоравӣ;
3. Баланд бардоштани дараҷаи шаффофият

#### 6.1.3 Ҷадвал ва ҳаҷми кор

Пешниҳод мегардад, ки равиши кутоҳмуддат-миёнамуҳлат (аз 3 то 6 моҳ) ва миёнамуҳлат-дарозмуддат (18-24 моҳ) таҳия гардад. Дар марҳилаи кутоҳмуддат ва миёнамуҳлат, методологияи камбизоатӣ бо истифода аз ТБХ-и мавҷудбуда муайян мегардад, дар марҳилаи миёнамуҳлат – дарозмуддат методологияи таҷдидшуда бо истифода аз ТБХ-и нав таҳия мегардад.

#### 6.1.4 Интизорӣ аз аъзоёни Шӯрои камбизотӣ

1. иштирок дар муҳокимаҳои масъалаҳо;
2. сазовори эътимод ҳамчун ба аъзои фаъоли Шӯрои камбизоатӣ;
3. истифодаи муштараки кӯмаки молиявӣ ва техникӣ, ки қаблан тавассути иштирок дар чунин фаъолият дар дохили кишвар ё берун аз он ба даст оварда шуда буд

#### 6.1.5 Интихоби аъзоёни Шӯрои камбизоатӣ

Мутахассисони миллӣ ва байналмилалӣ бояд бо назардошти имкониятҳои техникии онҳо бо дастгирии институтсионалии ташкилотҳои дахлдор интихоб гарданд.

Фарқиятгузорӣ дар кори гуруҳи техникӣ ва ҳадафҳои дигар кумитаҳои фаъол дар кишвар, ба монанди Агентии омор, Шӯро оид ба мӯайян намудани сатҳи камбизоатӣ, муҳим мебошад. Ин ду ва дигар мисолҳо барои муҳокимаҳои васеъ дар бораи сиёсат ва стратегияҳои низоми миллии омор ва стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ майдон фароҳам меоваранд, ва доштани дараҷаи муайяни малакаҳои техникии зарур барои идоракунии равиши миллии арзёбии камбизоатии моддӣ барои онҳо зарур намебошад.

### 6.2 Нақшаи чорабиниҳо

#### 6.2.1 Воридкунии маълумот

Бонки ҷаҳонӣ таҷдиди низоми воридкунии маълумотро барои ТБХ бо истифода аз платформаи CSPқо дастгирӣ мекунад. Барномаи нави воридкунии маълумот таҳия гардид ва айни замон аз санҷиш гузашта истодааст. Аз рӯи нақша ду нафари иловагӣ дар ҳар як минтақа барои воридкунии маълумоти ду семоҳа дар платформаи CSPқо бояд ба кор гирифта шаванд, дар ҳоле ки кормандони доимии ТоҷСтат, ки масъули воридкунии маълумот мебошанд бояд воридкунии маълумотро барои ҳамон ду семоҳа, аммо дар платформаи FoҷPқо идома диҳанд. Агар натиҷаҳои санҷишҳои мазкур нишон диҳанд, ки системаи навтаҳияшудаи CSPқо барои воридкунии маълумот ҷойгузини қобили қабули FoҷPқо мебошад, системаи FoҷPқо баста шуда барномаи нави воридкунии маълумот мавриди истифода қарор дода мешавад.

#### 6.2.2 Намунагирӣ

Маҷмӯи намунаҳои кунунии ТБХ дар маълумоти барӯйхатгирии аҳолии соли 2000 асос ёфтааст ва хуб мешуд, ки ТоҷСтат маҷмӯи намунаҳои ТБХ-ро бо истифода аз маълумоти барӯйхатририи соли

2010 истифода барад. ТоҷСтат ба пешниҳод намудани рӯйхати коршиносони эҳтимолии маҳаллӣ, ки дар кори намунагирӣ ҷалб када мешаванд, розигии худро дод. Бонки ҷаҳонӣ низ аз таҷрибаи коршиносони байналмилалӣ ҷиҳати такмилдиҳии маҷмӯи намунаҳои ТБХ истифода хоҳад бурд.

### 6.2.3 Саволномаҳо

Саволномаҳои нав таҳия шуданд, аммо онҳо ба такмилдиҳии минбаъда ва тарҷумаи саҳеҳ ниёз доранд. Мутобиқи нақша саволномаи нав дар баробари саволномаҳои қаблӣ дар давоми ҳадди ақал ду семоҳа бо мақсади санҷидани имконпазирии ҷамъоварии маълумот дар ҷойҳо аз тарафи саволдиҳандагони ТоҷСтат мавриди истифода қарор дода мешаванд.

### 6.2.4 Бо мурури замон тағйирёбии сатҳи камбизоатӣ

Ба ҳолати соли 2012 дар давоми чаҳор семоҳа муайян кардани хонаводаҳои дорои рақами мушаххаскунандаи якхела дар байни онҳое, ки дар давоми сол иваз шуда буданд мушкил буд (аз сабаби гум кардани хонаводаҳо дар намуна). Азбаски хонаводаҳои нав дар намунагирӣҳамон рақами мушаххаскунандаро мисли хонаводаҳои аз намуна баромада нигоҳ медоранд, арзёбии истеъмол бо истифода аз маълумоти чаҳор семоҳа барои ҳар як хонавода аз имкон берун мебошад. Бо дарназардошти ин маҳдудият, нишондиҳандаи истеъмол барои ҳар як семоҳа ҳисоб карда мешавад ва ҳар як семоҳа ҳамчун намунаи алоҳида баррасӣ мегардад.

Азбаски сатҳи истеъмол дар давоми сол яксон намебошад (мавсимӣ), дар муқоиса бо ҷамъ намудани ҳамаи семоҳаҳо барои ҳар як хонавода агар семоҳа ҳамчун намунаи алоҳида истифода шавад, ҳисобҳои камбизоатӣ тағйир меёбанд.Дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои истеъмоли солона тавассути ҷамъ намудани рақамҳои чаҳор семоҳа барои ҳар як хонавода ва тасҳеҳи нишондиҳандаҳои маҷмӯи истеҳсол барои он хонаводаҳое, ки маълумотро барои қисми сол пешниҳод мекунанд (истиснои тамоюл), ҳисоби беҳтарини камбизоатӣ ба даст оварда мешавад. Барои ноил шуданд ба ин, ба ҳар як хонавода додани рақами мушаххаскунандаи шахсӣ зарур мебошад. Маълумот оид ба иваз намудани хонаводаҳо ва саволномаҳои солона бояд аз он хонаводаҳое ҷамъ карда шавад, ки бояд аз намунагирӣ бароянд.

### 6.2.5 Таҷдиди методологияи камбизоатӣ

Баъди ба анҷом расонидани раванди таҷдиди ҷамъоварии маълумот дар навбати худ ворид намудани тағйирот ба методологияи камбизоатӣ бо назардошти маълумоти иловагии дастрас зарур мебошад. Баъзе аз тағйироти муҳимтарин аниқтараш гузариш ба нишондиҳандаҳои солона камбизоатӣ бо истифода аз идентификаторони таҷдидшудаи хонавода ва илова намудани ҳисоби арзиши банд намудани манзил, аз он ҷумла истифодаи арзиши маҳсулоти бузургҳаҷми муҳлати истифодааш дароз ба нишондиҳандаи маҷмӯи истеъмолро дар бар хоҳад гирифт. Методологияи ҷорӣ ин бандҳоро аз мушкилоти алоқаманд бо фарогирии маълумот дар бар намегирад, аммо дар оянда интизор меравад, ки дигар маҳдудият нахоҳад буд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


Қулов Абдуваліӣ (2013) “Такмилдиҳии омори Тадқиқоти буҷети хонавода дар Тоҷикистон”.ТоҷСтат. мимеог.

Азеведо, Жоао Педро (2013). "Аз ғавғо то аломат: Пешрафти бомуваффақият дар арзёбии камбизоатӣ дар Колумбия",Бонки ҷаҳонӣ ва дигар тадқиқотҳои фаврӣ 16118, Бонки ҷаҳонӣ

Азеведо, Жоао Педро, Азиҳ Азаматов ва Алишер Раҷабов (2014) Паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва некӯаҳволии умумӣ дар Тоҷикистон: диагностика. Бонки ҷаҳонӣ. мимеог.

Равалион, М. (1994), *Муқоисаи сатҳи камбизоатӣ*, Ҳарвуд Acadӯmic Pғӣlishӯks.

Сулла, В ва Г. Векки (2013) “Арзёбии камбизоатӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои методологӣ ва ҳисобҳои пешакӣ”. Бонки ҷаҳонӣ. мимеог.

Сулла В ва Хуан Муноз (2011) “Тадқиқоти буҷети хонавода дар Тоҷикистон: тавсияҳои миссияи Бонки ҷаҳонӣ”. Бонки ҷаҳонӣ. мимеог.

ЗамимаиА. Рӯйхати молҳои муддати истифодаашон дароз, ки ба маҷмӯи истеъмол дохил ё хориҷ карда шудаанд

**Дохилкардашуда**

| |
|---|
| 601-Радио |
| 606-Видео |
| 607-Магнитофон |
| 608-Кассета |
| 609-Сафҳамонак |
| 610-Стабилизатор |
| 611-Навор барои видеомагнитофон |
| 612- Телефон |
| 613-Дигар стансияҳои радио бо сомонӣ |
| 614- Камера |
| 616-Соат, дастӣ |
| 617- Дигар намуди соатҳо |
| 618- Лижа, конки ва дигар молҳои варзишӣ |
| 619-Рузнома, китоб, маҷаллаҳо, дафтарҳои дарсӣ, коғаз ва ғайра |
| 620-Молҳои канселярӣ |
| 621-Бозичаҳо |
| 622- Дигар молҳо барои истироҳат |
| 623-Асбобҳои мусиқӣ |
| 626-Чангкашак |
| 627-Дарзмоли барқӣ |
| 628-Неруи барқ |
| 629- Дигар асбобҳо бо маблағи сомонӣ |
| 632- Мотосикл, дучарха[16] |
| 633-Қисмҳои эҳтиётӣ барои мошин бо маблағи сомонӣ |
| 634-Зарфҳои сафолӣ барои чойнӯшӣ ва пухтупаз (сомонӣ) |
| 637- Дигар молҳои рӯзгор бо сомонӣ |
| 638-Мизи таомхӯрӣ ва ошпазхона |
| 639-Мизи корӣ |
| 642-Курсӣ, кресло-рахти хоб |
| 643-Курсиҳо |
| 644-Ҷевон, либосворӣ, китобҳо |
| 645- Буфет, ҷевон |
| 648-Дигар мебел бо сомонӣ |
| 649-Гилем ва маҳсулоти гилем бо сомонӣ |

**Хориҷкардашуда**

| |
|---|
| 605-Телевизори ранга |
| 624-Яхдон, камераи яхкунанда |
| 625- Мошини ҷомашӯӣ |
| 630- Автомобил |
| 635- Мошини дузандагӣ |
| 640- Диван, кат, кушетка |
| 641-Рахти хоб, диван-кат |
| 646- Ошхона, ҷевони хонаи хоб ва дигар. |
| 647-Гарнитури ошхона |

**Нишондоданашуда (хориҷ карда мешаванд)**

| |
|---|
| 602-Телемагнитола |
| 603-Телевизион ва радио |
| 604-Телевизори сафеду сиёҳ |
| 615-Дастгоҳи наворгирӣ |
| 631-Мотосикл, мотороллер, мопед |
| 636-Мошини бофандагӣ |
| |

[16] Бо назардошти нишондиҳандаҳои паст, ки дар ин категория нишон дода шудаанд, ба он танҳо дучарха дохил мешавад.

ЗАМИМАИ Б. РУЙХАТИ МОЛҲОИ БА ИНДЕКСИ ПААШЕ ДОХИЛКАРДАШУДА

| **Махсулоти хурока** |
|---|
| Хлеби сафед |
| Орди гандумӣ |
| Орди ҷавдор |
| Орд, дигар |
| Любиёй |
| Биринҷ |
| Ғалладонагӣ, ба истиснои биринҷ |
| Маҳсулоти макаронӣ |
| Картошка |
| Карам |
| Бодиринг |
| Помидор |
| Лаблабу, сабзӣ, бехмеваҳо |
| Пиёз |
| Дигар сабзавот |
| Консерваҳои сабзавот |
| Сукини, сквош, каду ва ғ. |
| Тарбуз ва харбуза |
| Меваҳо |
| Буттамеваҳо |
| Дикие фрукты и ягоды |
| Мева ва буттамеваҳои хушк |
| Ангури тару тоза |
| Ангури хушк |
| Меваҳои ситрусӣ |
| Консерваҳои мевагӣ |
| Гушти гов ва гусола |
| Гушти гусфанд ва буз |
| Маҳсулоти гуштӣ(калла почча ва дигар узвҳо) |
| Гӯшти парранда |
| Гушти дигар ҳайвонот |
| Чарбу |
| Гушти ҳайвонҳои ваҳшӣ ва паррандагон |
| Гушт ва маҳсулоти дудхурда |
| Маҳсулоти гуштӣ ва аз гушт тайёр кардашуда |
| Гушт ва консерваҳои гуштӣ |
| Шири холис |
| Шири беравған |
| Қаймоқ ва сари шир |
| Маска |
| |

| **… давоми маҳсулоти хурока** |
|---|
| Творог, хамираи панирин |
| Панир ва маҳсулоти панирӣ |
| Консерваҳои ширӣ |
| Яхмос |
| Равғани растанӣ |
| Маргарин ва дигар чарбуҳо |
| Шакар, қанд |
| Конфету қанд, ҳалво ва ғ. |
| Шоколад |
| Асал |
| Ҷем, мармелад |
| Кулчаҳои қандин ва ғайра |
| Тухм |
| Моҳии тоза |
| Моҳии намакхурда, селди хушк |
| Консерваи моҳӣ |
| Занбуруғи тару тоза |
| Занбуруғи хушк |
| Чой |
| Қаҳваи натуралӣ |
| Нушобаҳо |
| Намак |
| Арақ |
| Ликёр |
| Винои мевагӣ ва буттамевагӣ, дар корхона тайёршуда |
| Винои мевагӣ ва буттамевагӣ, дар хона тайёршуда |

| **Махсулоти ғайриозуқа** |
|---|
| Оби ҷав |
| Палто: зимистона |
| Палто: мавсиму |
| Плаш |
| Нимтана: зимистона |
| Нимтана: мавсиму |
| Нимтана: тобистона |
| Либоси занона, костюм |
| Костюм |
| Шим |
| Юбка |
| Нимтана, свитер, ҷемпер |
| Куртаи мардона ва занона |

| **Маҳсулоти ғайриозуқа** |
|---|
| Яктаҳ, пойҷома |
| Либоси варзишӣ |
| Либоси муинагӣ |
| Кулоҳҳои муинагӣ |
| Дигар намудҳои либос |
| Руймол, гарданпеч |
| Дарспушҳо |
| Таҳпушҳо, куртаҳо, футболка |
| Шим, эзор |
| Либоси оббозӣ |
| Дигар либоси таҳпушӣ |
| Трикотаж |
| Муза, пойафзол, пушида |
| Муза, пойафзол, кушода |
| Муза ва пойафзоли резинӣ |
| Пойафзол, туфди |
| Шиппак |
| Тапочка, пинеткаҳо барои давидан |
| Кроссовки |
| Шиппак, шиппакҳои резинӣ |
| Дигар пойафзоли резинӣ |
| Матоъ барои либос:пахта |
| Матоъ барои либос:пашм |
| Матоъ барои либос:абрешим |
| Матоъ барои либос:штапел |
| Матоъ барои либос: синтетика |
| Радио |
| Магнитофон |
| Кассета |
| Сафҳамонак |
| Стабилизатор |
| Навор барои видеомагнитофон |
| Телефон |
| Камера |
| Соат |
| Матои порчагӣ |
| Собун, кг |
| Собуни ҷомашуӣ, кг |
| Бензин, литр |

ЗамимаиВ.Маҳсулоти хурока ва калориянокӣ дар Тоҷикистон

| **Маҳсулоти озуқа** | **Килокалорияҳо (ба кг ё воҳид)** |
|---|---|
| Хлеби сафед | 2890 |
| Нони ҷавин ва ғ. | 2200 |
| Орди гандумӣ | 3400 |
| Орди ҷавдор | 3110 |
| Орд, дигар | 3400 |
| Любиёӣ | 2900 |
| Биринҷ | 3500 |
| Ғалладонагӣ, ба истисноі биринҷ | 3400 |
| Маҳсулоти макаронӣ | 3500 |
| Картошка | 850 |
| Карам | 240 |
| Бодиринг | 140 |
| Помидор | 190 |
| Лаблабу, сабзӣ, бехмеваҳо | 350 |
| Пиёз | 260 |
| Дигар сабзавот | 250 |
| Консерваҳои сабзавот | 400 |
| Сукини, сквош, каду ва ғ. | 180 |
| Тарбуз ва харбуза | 260 |
| Меваҳо | 450 |
| Буттамеваҳо | 386 |
| Дикие фрукты и ягоды | 400 |
| Мева ва буттамеваҳои хушк | 6000 |
| Ангури тару тоза | 610 |
| Ангури хушк | 2830 |
| Меваҳои ситрусӣ | 360 |
| Консерваҳои мевагӣ | 600 |
| Гушти гов ва гусола | 1200 |
| Гушти гусфанд ва буз | 1530 |
| Зермаҳсулоти гуштӣ (каллапоча ва дигар узвҳо) | 8910 |
| Парранда | 1710 |
| Гушти дигар ҳайвонот | 1500 |
| Равған чарбу | 8910 |
| Гушти ҳайвонҳои ваҳшӣ ва паррандагон | 1200 |

| **Маҳсулоти озуқа** | **Килокалорияҳо (ба кг ё воҳид)** |
|---|---|
| Гушт ва маҳсулоти дудхурда | 450 |
| Маҳсулоти гуштӣ | 2575 |
| Гушт ва консерваҳои гуштӣ | 2575 |
| Шири холис | 650 |
| Шири беравған | 360 |
| Қаймоқ ва сари шир | 3370 |
| Маска | 8500 |
| Творог, хамираи панирин | 3600 |
| Панир ва маҳсулоти панирӣ | 3600 |
| Консерваҳои ширӣ | 640 |
| Яхмос | 1900 |
| Равғани растанӣ | 8840 |
| Маргарин ва дигар чарбуҳо | 7660 |
| Шакар | 3920 |
| Қанд, ҳалво ва ғ. | 4380 |
| Шоколад | 5100 |
| Асал | 3040 |
| Ҷем, мармелад | 2220 |
| Кулчаҳои қандин ва ғайра | 3530 |
| Тухм | 53 |
| Моҳии зинда | 990 |
| Моҳии намакхурда, аз ҷумла селди хушк | 1280 |
| Консерваи моҳӣ | 1250 |
| Занбуруғи тару тоза | 280 |
| Занбуруғи хушк | 1200 |
| Чой | 60 |
| Қаҳваи натуралӣ | 300 |
| Нушобаҳо | 380 |
| Намак | - |
| Арақ | 2400 |
| Ликёр | 2400 |
| Винои мевагӣ ва буттамевагӣ, дар корхона тайёршуда | 5500 |
| Винои мевагӣ ва буттамевагӣ, дар хона тайёршуда | 3300 |